**ХУЛОСАИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-H назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №_____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 23 апрели соли 2024, таҳти №55, оид ба сазовор донистани Алиев Исмоил Исмонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар таърихи 26 декабри 2023 сол, суратмаҷлиси №48 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Алиев Исмоил Исмонович 21-уми июни соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2015 ба шуъбаи рӯзонаи факултети таърих ва педагогикаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2019 аз рӯйи ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст. Соли 2019 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон ба курси якуми магистратура дохил шуда, соли 2021 онро бо муваффақият хатм намудааст.

Аз соли 2021 то ба ҳол ба ҳайси ассистент ва муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт фаъолият намуда, аз соли 2021 то инҷониб унвонҷӯи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ:

**Азиззода Убайдулло Абдулло** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

**Раҷабзода Равшан Муҳитдин** – Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон;

**Холинова Мижгона Муборакшоевна** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** «Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (ш. Душанбе)

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Ҳаитов Сайдалӣ Поргиевич, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикорупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, (ихтисос: 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоев Ҷ.Қ. ва котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шарифзода Т., имзо ва аз ҷониби ректори Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Абдуалимзода Ҳ.А. 01.03.2024 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 2 воситаи таълимӣ, 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1–М].** Алиев, И.И. Оид ба баъзе масъалаҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Қонунгузорӣ. – 2022. – № 4 (48). – С. 186-193. ISSN 2410-2903.

**[2–М].** Алиев, И.И. Масъалаҳои асосии мақсади ҷазо дар сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода, Д.С. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №6. – С. 218-225. ISSN 2413-5151.

**[3–М].** Алиев, И.И. Функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев, У.А. Азиззода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 4 (28). – С. 98-101. ISSN 2414 9217.

**[4–М].** Алиев, И.И. Пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун шакли амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №2. – С. 250–255. ISSN 2413-5151.

**[5–М].** Алиев, И.И. Шаклҳои амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №3. – С. 213-219. ISSN 2413-5151.

**[6–М].** Алиев, И.И. Мафҳуми шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Қонунгузорӣ. – 2023. – № 3. – С. 186-193. ISSN 2410-2903.

**[7–М].** Алиев, И.И. Шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №8. – С. 241-251. ISSN 2413-5151.

**[8–М].** Алиев, И.И. Амалисозии функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №9. – С. 234-243. ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашриҳои илмӣ чоп шудаанд:**

**[9–М].** Алиев, И.И. Реализация принсипа презумпции невиновности на досудебных стадях [Текст] / И.И. Алиев // Муҳаққиқ (маҷаллаи илмӣ). – 2020. – № 3(48). – С. 94-96.

**[10–М].** Алиев, И.И. Презумпция невиновности в системе уголовного судопроизводсва [Текст] / И.И. Алиев // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2020. – №3(3). – С. 59-61.

**[11–М].** Алиев, И.И. Оид ба вижагиҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯён бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва

риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» (18-23 апрели соли 2022). – Рашт, 2022. – С. 33-35.

**[12–М].** Алиев, И.И. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ: мафҳум ва моҳияти он [Матн] / И.И. Алиев // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2022. – №1(9). – С. 108-114.

**[13–М].** Алиев, И.И. Мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Асосҳои таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ. ш. Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ 9 марти соли 2022. – Душпнбе, 2022. – С. 215-233.

**[14–М].** Алиев, И.И. Компенсационная функция юридической ответственности в соотношении с компенсацией морального вреда [Текст] / И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Международной научно-практической конференции экономика и право в России и мире, 1 ноября 2022 года в г. Петрозаводск. – Петрозаводск, 2022. – С. 73-79.

**[15–М].** Алиев, И.И. Функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз. Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (9 декабри соли 2022) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 372-379.

**[16–М].** Алиев, И.И. Ҷуброн намудани зарар ҳамчун функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Материалы международной научной-практической конференции “Таджики в зеркале история”, посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова (27 октября 2023 года). Часть I. ( право, экономика). – Душанбе, 2023. – С. 25-35.

**[17–М].** Алиев, И.И. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Вестник Науки и Творчества (маҷаллаи илмӣ). – 2023. – №3(85). – Казань, 2023. – С. 34-42.

**[18–М].** Алиев, И.И. Шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Материалы международной научной-практической конференции «Основые подходы к управлению знаниями в науке и образовании» (за апрель 2023 года). – Казань, 2023. – С. 191-195.

**III. Воситаҳои таълимӣ:**

**[19–М].** Алиев, И.И. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода, М.Н. Раҷабзода, Ф.А. Бобохонов, Н.М. Шодизода ва диг. // Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода. – Душанбе: Ашуриён, 2022. – 256 с.

**[20–М].** Алиев, И.И. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода, М.Н. Раҷабзода, С.Д. Муқимов, Н.М. Шодизода ва диг. // Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент М.Н. Раҷабзода. – Душанбе: Ашуриён, 2023. – 320 с.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– **Диноршоев А.М.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, префессор,

муовини якуми директори иҷроя, муовини директори иҷроя оид ба илм, иноватсия ва ҳамкориҳои байналмилалии Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

– **Ҳамроев Ш.С.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Русия ва Тоҷикистон

– **Раҳматҷонзода Р.Р.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм полковники миллитсия

– **Қозиён Ш.Қ.** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор мудири кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои ҳусусияти мубоҳисавӣ дошта, пешниҳод шудааст. Аз ҷумла зикр карда шудааст, ки аз тарафи муаллифи диссертатсия ҳамчун намуди алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҷавобгарии конститутсионӣ қайд карда нашудааст, асосҳои илмию амалии қабул намудани “Стратегияи пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон” ошкор нагардидааст. Фарқият ва таносуби мафҳумҳои “ҷавобгарии ҳуқуқӣ” ва “масъулияти ҳуқуқи” шарҳ дода нашудааст. Хуб мебуд дар асоси таҳлили нуктаҳои назари гуногун, доир ба ҳар кадоме аз намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мафҳумҳои муаллифӣ аз ҷониби диссертант пешниҳод мегардид. Муаллифи диссертатсия зимни таҳлили функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ таносуб ва фарқияти онро бо функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ нишон надодааст. Хубтар мешуд, ки ҳангоми таҳлили функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ таносуб ва фарқияти онро бо функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ асоснок менамуд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои *61-10* ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илми дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал дар шакли комплексӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ баррасӣ карда шудааст;

**пешниҳод шудааст:** хусусияти хоси функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳлил гардида, аз маҷмуи самтҳои муҳими таъсиррасонӣ иборат

мебошад; ба рафтору шуури барандагони ҳуқуқ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ таъсири муайян мерасонанд; барои тамоми намудҳои ҷавобгарӣ хос мебошанд; мақсаду моҳияти иҷтимоии ҷавобгарии ҳуқуқиро ошкор мекунанд; тавассути функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд, пешниҳод карда шудааст;

– **исбот шудааст:** моҳияти объективии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки қонун муайян кардааст, имкон медиҳад, ки шаклҳои амалисозии онҳо субъективӣ интихоб карда шаванд, ки риоя, истифода, иҷро, татбиқи ҷавобгарии шахсро дар муносибатҳои ҳуқуқии дахлдор дарбар мегиранд. Иҷрои ҷавобгарии ҳуқуқӣ шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбуриро пайдо мекунад. Истифода, риоя, иҷро ва татбиқ чор шакли баробар ва муҳими амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошанд.;

– **ҷорӣ намудани:** дар қонунгузории маъмурӣ дар қатори принсипҳо ва асоси ҷавобгарии маъмурӣ мафҳуми мақсади ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар карда нашудааст. Хубтар мешавад, ки дар м. 22[1] КҲМ ҶТ мафҳуми мақсади ҷавобгарии маъмурӣ нишон дода шавад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** натиҷаҳои кори илмӣ дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ истифода карда шаванд. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, криминология ва ғ. ба таври васеъ ба кор бурда шавад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошт**а самаранок ҷанбаҳои консептуалии илмҳои фалсафа ва назарияи фанҳои ҳуқуқӣ, ва ҳамзамон, дар таҳқиқот усулҳои илмии ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, таҳлилӣ, усулҳои мушаххаси сотсиологӣ, криминологӣ, таърихию ҳуқуқӣ, таҳлили системавии сохторӣ истифода бурданд.

– **баён шудани** функсияи пешгирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, самти таъсиррасонии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба рафтори субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки барои пешгирӣ ва маҳдуд намудани имкониятҳои воқеии содир намудани кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ равона гардидааст;

– **ошкор гардидани** функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҳамаи шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки таъсири он бештар дар ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ равшантар ифода меёбад;

– **омӯхта шуданд:** амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амал талофӣ намудани ҷуброни зарар аз кирдори мушаххаси зиддиҳуқуқӣ шахс, ҷамъият ва давлат расидаро дар назар дорад, ки дар ду шакл: ихтиёрӣ ва маҷбурӣ ба роҳ монда мешавад;

– **аз нав такмил додани** моддаҳои 14, 15 КМ ҶТ истиллоҳи «ҷуброни зиён». Дар моддаҳои 1117, 1195, 1197, 1208, 1210-1223 КМ ҶТ истиллоҳи «ҷуброни зарар» истифода шудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки дар

КМ ҶТ истиллоҳоти «ҷуброни зиён» ба «ҷуброни зарар» иваз карда шавад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқкарда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд, инчунин, дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии инсонро муҳофизат мекунанд, ба таври васеъ ба кор бурда шавад.

– **муайян карда шуданд**, ки функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳама шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Ҳангоми татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ он дар татбиқи ҷазо бо назардошти ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда ва дигар чораҳои хусусияти тарбиявидошта ифода меёбад;

– **офарида шуд:** бо далели он ки дилхоҳ ҷиноят ба ҷабрдида зарар мерасонад, беҳтар мешуд, ки ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ на танҳо ба манфиати давлат, балки ба манфиати ҷабрдида низ равона карда мешуд. Дар ин асос, пешниҳод мегардад, ки дар санксияҳои қисми махсуси КҶ ҶТ ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ дар шакли 70/30 (яъне, 70%-и ҷарима ба манфиати давлат ва 30%-и он ба манфиати ҷабрдида ситонида шавад) муқаррар мегардид.

– **муаррифӣ карда шуд:** Дар моддаи 62 Кодекси меҳнати ҶТ истиллоҳи «ҷазои интизомӣ» истифода шудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки дар Кодекси меҳнати ҶТ истиллоҳи «ҷазои интизомӣ» ба «муҷозоти интизомӣ» иваз карда шавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуқтаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба масъалаи мазкур асос меёбад.

**барои корҳои таҷрибавӣ:** дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории соҳавии кишвар, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ, мадaнӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ, конститутсионӣ ва ғ., метавон хулосаву пешниҳодоти таҳқиқотро вобаста ба масъалаи амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ истифода бурд;

– **ғоя асоснок шудааст:** бо асос гирифтани он ки мафҳуми ҷуброн, товон, талофӣ, зарар, зиён, хисорот дар қонунгузорӣ ба таври омехта муқаррар шудааст, беҳтар мешуморем, ки дар қонунгузории соҳавӣ ягонакунии мафҳумҳои ҳуқуқии мазкур ба роҳ монда шавад;

– **истифода шудаанд:** мафҳуми сазо ҳарчанд дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таври мухталиф пешниҳод гардида бошад ҳам, истифодаи мафҳуми сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ қобили қабул мебошад. Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ хоси ҳамаи шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, вале

таъсири он бештар дар ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ равшантар ифода меёбад. Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шакли ихтиёрӣ ва маҷбурӣ амалӣ карда мешавад. Мавриди зикр аст, ки функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба самаранокии функсияи тарбиявӣ замина фароҳам меорад. Сазо бояд ба қонун мувофиқат кунад, дар сурати мувофиқат накардан онро ё ноадолатона мешуморанд, ё барои расидан ба мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ нокифоя меҳисобанд.;

– **муайян шудаанд:** амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз намуди ҷавобгарӣ низ вобастагӣ дорад. Дар робита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар хусусияти маҷбурӣ мегирад. Аммо, ба намуди ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ ва интизомӣ, ҳам шакли ихтиёрӣ ва ҳам шакли маҷбурӣ, хос мебошанд;

– **истифода карда шуданд:** бо мақсади дуруст ба роҳ мондани адолати судӣ, осон кардани кори субъектони мурофиаи судӣ, татбиқи амиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории кишвар беҳтар мешуд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ дар баробари мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳамзамон, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ муқаррар карда мешуданд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти** диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 23-юми апрели соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Алиев Исмоил Исмонович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 6 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ 14 нафар, муқобил - нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Золотухин А.В.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Назаров А.Қ.**

23 апрели соли 2024